# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 05 соли 2024 № 168/иср ш. Душанбе

*Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳайати шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 34 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба ҳайати шурои диссертатсионии 6D.KOA-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шавад:

- Шарифзода Мумин Машокир, раиси шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бинобар сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифа озод ва аз ҳайати шуро бароварда шавад;
- Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба узвияти шуро пазируфта шуда, раиси шуро таъйин карда шавад;
- Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович, муовини раиси шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бинобар ивази насаб, ном ва номи падар дар асоси шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар, силсилаи АБ № 0003519, ки аз тарафи бахши Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд санаи 03.05.2024, №114 дода шудааст, минбаъд Ризозода Тӯра Раббим ҳисобида шавад;
- Бобоҷонов Даврон Дадоҷонович, узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ бинобар ивази насаб, ном ва номи падар дар асоси шаҳодатномаи иваз намудани насаб, ном ва номи падар, силсилаи АБ № 0003923, ки аз тарафи бахши Сабти асноди ҳолати

шаҳрвандии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд санаи 23.05.2024, №146 дода шудааст, минбаъд Бобоҷониён Даврон Дадоҷон ҳисобида шавад.

2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Ализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҷӯӣ намояд.

3. Фаъолияти шурои диссертатсионӣ тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба роҳ монда шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2024, № 6.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ